«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
________________
«11» 05 2021

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсияи “**Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Давлатов Абдулмаҷид Нурович соли 2012 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм кардааст. Ӯ соли 2009 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Айни ҳол омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хоҷаев Давлатбек.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯзи 24.05.2016, қарори № 10 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Аҳамияти диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нурович аз он иборат аст, ки барои инкишофи солими забони адабии муосири тоҷикӣ таҳқиқи наҳвиёти осори адабиёти классикӣ маводи пурарзиш медиҳад.

Илми наҳв барои шинохту муайян кардани иллату нуқси тарзи гуфтору баён, саҳеҳии он чун раҳнамо хизмат менамояд. Таҳқиқи густурдаи вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ҳанӯз рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин мавзӯъ барои кушодани вижагиҳои наҳвии «Қобуснома» зарур аст.

Аз таҳқиқоти донишмандон чунин бармеояд, ки забони адабии тоҷикӣ дар давраи Сомониён рушд ёфта бошад ҳам, лекин таърихи инкишофи он қадимтар аст. Забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XI ташаккулу инкишоф ёфта, асарҳои насрӣ ва назмии бешуморе бо ин забон эҷод шудаанд. Асарҳои насрии ин давра аз ҷиҳати сабк гуногунанд ва омӯзишу пажӯҳиши онҳо ба нафъи илми забоншиносӣ аст.

Аз таҳқиқи осори насрии ин давра маълум гашт, ки насри ин давра сода ва равон буда, аз такаллуфоту иборапардозӣ орӣ аст. Мурод аз насри сода насрест, ки холӣ аз беҳудагӯиҳо ва калимаҳои сабукмаъно мебошад. Ин шева аз ибтидои пайдоиши насри форсӣ рушд меёфт ва тамоми асри XI дар тараққӣ ва такомул буд. Аз асарҳои насрии асри XI «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус ба шеваи сода ва дилпазир нигошта шудааст. Ба ғайр аз содагиву равонии забон «Қобуснома» асари ахлоқӣ буда, аҳамияти тарбиявӣ низ дорад. Дар ҳар варақи «Қобуснома» фавоиди луғавӣ ва таърихии бисёр аст ва ҳатто бисёре аз одату русуми замонаро, ки дар ҷойи дигар натавон ёфт, дар худ ҷовидон гузошта ва аз дастбурди фаромӯшӣ бозраҳонидааст.

Аҳамияти таҳқиқи ин мавзӯъ дар он аст, ки қолабҳои таърихан мустаъмали ҷумлаҳои содаю мураккаб муайян ва равшан карда мешавад, ки барои илми наҳви муосири тоҷик хеле пурарзиш аст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсияи мазкур якчанд масъалаҳои муҳимми наҳви забони тоҷикӣ дар асоси «Қобуснома» таҳқиқ шудаанд, аз ҷумла, рисола ҳалли вазифаҳои зеринро фаро гирифтааст:

- баррасии вижагиҳои ибораороӣ дар «Қобуснома»;
- нишон додани воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома»;
- муайян кардани вижагиҳои сараъзо ва аъзои пайрав дар асар;
- таҳқиқи ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва сохт;
- муайян намудани вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»;
- нишон додани вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ;
- фарқи хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома» аз забони муосир.

Ба сифати мавод ё сарчашмаи асосии таҳқиқ матни «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, ки солҳои 1968, 1979 ва соли 2007 нашр гаштааст, мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқи мазкурро корҳои илмӣ-таҳқиқии муҳаққиқон-забоншиносони ватанию хориҷӣ оид ба наҳви ҷумлаҳои сода ва мураккаб, аз ҷумла Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д. Тоҷиев, Ҳ. Ҳусайнов, М.Н. Қосимова, Н.С. Поспелов, В.В Белошапкова, А. Шафоӣ, Ю.А. Рубинчик, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, Д. Хоҷаев, Қ. Қаландаров, Ф. Шарипова, В. Абдулазизов ва дигарон ташкил кардаанд.

**Навоварии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври мушаххас ва бо усули оморӣ нишон дода шудаанд.

**Арзиши назариявӣ ва амалии** кори диссертатсионии Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқро амалан барои фанҳои тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ,

тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, инчунин, дар омӯзишу таҳқиқи забони осори адибон низ метавонад истифода шавад. Ҳамчунин, бахшҳои алоҳидаи ин кор дар ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад мавриди таълиму тадрис қарор бигирад.

Мундариҷаи асосии диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар 7 мақолаи чопнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои таъйиннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс дар «Қобуснома», Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2016, №4/3. – С.36–39.

[2-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ибораҳои исмии изофӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2017, №4/5. – С.107-112.

[3-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Истифодаи воситаҳои алоқа дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2018, №6. – С.147-151.

[4-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ҷумлаҳои содаи чидааъзо дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2018, №1 – С. 60-65.

[5-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Алоқаи мувофиқат ва истифодаи он дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2018, №2. – С.121-124.

[6-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2018, №8 – С.77–80.

[7-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2020, №6. – С. 81-87.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нуровичро дар мавзӯи "**Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус"** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 18 аз 11. 05. 2021.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, доктори
илмҳои филологӣ, профессор Ф. Х. Шарипова

Котиби илмӣ, ассистент А.Б. Ҷобиров

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.
«__» _______соли «2021»